# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 190 с.**

Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз зумраи бузургтарин суханварони адабиёти классикии форсу тоҷик аст, ки бо табъи салим, дониши фарох ва ҳунари воло тавонист, сайри таърихии анвои гуногуни адабии моро дар садаи ёздаҳуми мелодӣ ба дараҷаи хеле равшан тағйир бидиҳад. Аз ин ҷост, ки осори ӯ бо гузашти замон мавриди истиқболи суханварони дигар қарор гирифта, барояш мақоми хеле баландро дар ҷодаи эҷод муқаррар кардаанд. Ҳанӯз ҳам масоили таҳқиқнашудаю баҳсбарангез ва ихтилофи назарҳо дар мавриди рӯзгору осори Носири Хусрави Қубодиёнӣ мушоҳида мешавад ва зарурати ба таври бояду шояд таҳқиқ гардидани онҳоро пеш меоварад. Носири Хусрав дар анвои гуногуни адабӣ табъозмоӣ карда бошад ҳам, ба назари мо, муҳимтарин фазилатҳои эҷодию ҳунарияш дар «Сафарнома» таҷассум ёфтаанд. Носири Хусрав яке аз пешоҳангони жанри сафарнома дар адабиёти классикӣ буда, дар диссертатсияи тақризшаванда вижагиҳои ин паҳлуи эҷодиёти адиб, аз ҷумла хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и ӯ ба таври илмӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Ба омӯзишу таҳқиқи осори адибони тоҷику форс, аз ҷумла Носири Хусрав машғул гардидан, кори хеле муҳим ва заруру саривақтист. Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович ба таҳқиқи масоиле бахшида шудааст, ки воқеан, муҳим ва дархури замон буда, мавзуи мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

Агар ба пешинаи таҳқиқи мавзуъ мутаваҷҷеҳ гардем, маълум мешавад, ки ишора ва иттилоъ оид ба «Сафарнома» ҳанӯз дар осори адабӣ ва тазкираҳои даврони классикӣ, аз ҷумла «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ сурат гирифта, ба шарҳу тавзеҳ ва баррасиҳо дар замонҳои баъдӣ роҳ кушодааст. Аз тарафи дигар, осори адабии Носири Хусрави Қубодиёнӣ баёнгари равандҳои адабии замонаш буда, саҳми ӯ дар ташаккулу таҳаввули насри бадеӣ назаррас аст.

Тазкиранигорон, адабиётшиносону шарқшиносон, бахусус, муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик доир ба рӯзгору фаъолияти адабӣ ва хусусиятҳои поэтикии осори Носири Хусрав ибрози назар ва таълифоти илмии судманд анҷом дода бошанд ҳам, дар ин замина, зарурати таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи «Сафарнома» пеш омадааст. Ба таъбири дигар, оид ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта, аз **аҳаммияти мавзуи таҳқиқӣ** гувоҳӣ медиҳад.

Муаллифи диссертатсия мавзую мундариҷа, муҳтаво, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, аҳаммияти кори таҳқиқиашро чунин шарҳ додааст: «Таҳқиқи вижагиҳои ғоявию бадеӣ, мушаххас сохтани мавзуъ ва мундариҷаи асосии асар, муайян намудани нақши ноқил, таҳлили вижагиҳои баёни ривояту ҳикоёт, тасвири чеҳраҳои таърихӣ ва истифода аз санъатҳои бадеӣ бинобар нуфузи онҳо дар асар омӯхта шуда, дар сурати писандида таҳқиқ ёфтааст. Яке аз масъалаҳои мавриди назар дар кори мо баррасии чопҳои гуногуни «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад» (диссертатсия, с. 6).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар ин зоҳир мешавад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона оид ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав буда, ҳамзамон, масъалаҳои мавзуъ, сохтору муҳтавои «Сафарнома», ҳунари чеҳранигорӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ ва нақши ноқил дар ин асар баррасӣ гардидаанд.

Дар диссертатсияи номзадии Самиев Ҷумахон бо такя ба консепсияҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ таҳриру тасҳеҳ, баррасии чопҳои гуногуни асар ва таъйиду таъйини арзишу аҳаммияти «Сафарнома»-и Носири Хусрав низ таҳқиқ гардида, **натиҷаҳои таҳқиқ эътимодноканд.** Илова бар ин, далелу назарсанҷӣ ва хулосабарориҳои қобили таваҷҷуҳ ба назар расида, ҳаҷми маводи таҳқиқу интишорот дар мавзуи диссертатсия, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва асосҳои назарию методологии кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқат менамоянд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ ва коргоҳи эҷодии шоирони дигар қобили истифода аст. Аз ин ҷиҳат, диссертатсия ба

адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Самиев Ҷумахон оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. **Маводи интишоргардида,** ки дар бахши «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» оварда шудааст, масъалаҳои асосӣ, хулосаи пажуҳиш дар фаслу бобҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз ин нуктаи назар, **саҳми шахсии довталабро** дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва раванди нақду таҳқиқи чунин мавзуи муҳим махсус зикр намудан мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, 8 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замима таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, далелу бурҳоноварӣ ва мубоҳисаю хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи унсурҳое, ки тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат дар ин бахш овардани онҳо зарур аст, ба назар мерасанд ва бо низоми муайян баён ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст**, ки дар адабиётшиносии тоҷик, хусусан, таъйини хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни асарҳои ҷудогонаи адабиёти классикии тоҷик аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Муаллифи диссертатсия дар фасли аввали ин боб доир ба жанри сафарнома, хусусиятҳо ва таносуби бадеияту воқеият дар он кӯшиш ба харҷ додааст. Дар ин бахш диссертант афзудааст, ки сафарномаҳо аз лиҳози сохтор ва мазмун, унсурҳои шаклҳои гуногуни жанр-очерк, ривоят, нома, ҳикоя ва ғайраро муттаҳид карда метавонанд, яъне сафарномаҳо барои синтез бо дигар навъҳои насри биографӣ ҳамоҳанг буда, бештар ба мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф ва қисман, ба таъсири мухотаб дар интихоби маводи сайёҳӣ вобастагӣ дошта, дар он асоси тафаккури муаллиф, дарки тарзи тафаккури бадеӣ ва инъикоси воқеият ба маърази тамошо гузошта мешавад.

Дар фасли дуюми боби якум, ки **«Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** номгузорӣ шудааст, масоили асосии матраҳ ва таҳқиқшаванда ба нусхашиносӣ иртибот мегирад. Андеша ва баррасиҳои диссертант доир ба нусхаҳои гуногуни «Сафарнома» қобили таваҷҷуҳ мебошад. Диссертант дар ин фасл арзиш ва аҳаммияти нусхаҳои қадимии «Сафарнома»-ро муайян карда тавонистааст. Зимни баррасии нусхаҳои муосири асар зикр шудааст, ки «ҳамаи сафарномаҳои мавҷуда ва таҳияи онҳо камбудҳое доранд ва ин мушкилӣ аз набудани нусхаи дақиқ ё куҳна ва ё истифода набурдани усули якхела, муназзам ва ҳуҷҷатгузорӣ бармеояд» (с. 46).

Дар фасли мазкур умумият ва тафовути нусхаҳо дар 5 ҷадвал манзури хонанда гардидааст, ки шоистаи таваҷҷуҳи вижаанд.

Дар фасли сеюми боби аввали диссертатсия масъалаҳои марбут ба **нусхаҳои чопи оммавии асар** ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Дар ин фасл ду нашри «Сафарнома» (нашри солҳои 1970 ва 2003) бо диди интиқодӣ баррасӣ гардидааст, ки аз муҳассаноти таҳқиқ аст. Аз муҳтавои ин фасл маълум мегардад, ки дар нашри асари мазкур на танҳо муҳаррирон, балки мураттибон низ ба иштибоҳ роҳ додаанд.

**Боби дуюм «Сохтор, бандубаст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** ном дорад ва аз ду фасл иборат аст. Дар нахустфасли ин боб муаллиф доир ба мавзуъ ва мундариҷаи «Сафарнома», аз ҷумла муаррифии расму ойину анъана, хӯрдану пӯшидан, дарку шинохти ашё, сатҳи тафаккури мусаннифи асар ибрози назар карда, ҳамчунин, комёбии адибро низ бо мисолҳои мушаххас нишон дода тавонистааст. Дар мавриди сохтори «Сафарнома» низ таҳқиқ сомон ёфта, дебоча ва 20 фасли алоҳидаи он махсус таъкид мешавад.

Фасли дувуми боби мазкур **«Воқеъияти бадеӣ дар асар»** ном дорад. Самиев Ҷумахон дар ин фасл доир ба тартиби хронологии «Сафарнома», сафари ҳафтсолаи адиб ва дар ин сафар оид ба тарзи зист, анъана ва расмҳои ақвоми мухталифи бадавӣ ва ғайри он нақлҳои воқеӣ нигоштани донишманд баҳс намуда, аз дидгоҳи таърих, ҷомеашиносӣ ва қабл аз ҳама, мардумшиносӣ аҳаммияти илмӣ доштани асари мавриди назарро собит намудааст. Дар охири бахш ба чунин натиҷа расидааст, ки «Сафарнома»-и Носири Хусрав бинобар мавзуъ ва мундариҷаи худ аз зумраи сарчашмаҳои нодире мебошад, ки бо гузашти айём аҳаммияти вижаи хешро такмил дода, сафи мутолеакунандагонаш торафт меафзояд ва новобаста аз замону макон аҳаммияти маънавии хешро нигоҳ доштааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»»** унвон дошта, дар се фасли он нақши муаллиф, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ дар асар ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Барои баррасӣ намудани нақши муаллиф дар асар ва ё таъйини мавқеи ӯ дониши назарӣ ва завқи бадеии баланд доштан лозим аст, ки инро дар кори омодакардаи диссертант ба хубӣ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Чунончи, диссертант афзудааст, дар «Сафарнома» персонажҳои зиёде ҳастанд, ки муаллиф ҳарчанд андешаи онҳоро ба воситаи «гӯянд», «шунидам», «ровӣ чунин гӯяд» оварда бошад ҳам, аммо дар онҳо мушахассоти нутқи персонажҳо ба назар нарасида, бештарашон бо нутқи муаллиф ифода мегарданд.

Дар фасли дувуми боби сеюм истифодаи санъатҳои бадеии мавҷуд дар асари мавриди назар, аз ҷумла ташбеҳ, ташхис, талмеҳ, ирсоли масал, саволу ҷавоб, тазодду муқобила, киноя ва муболиға таҳқиқ шудааст. Диссертант барои тақвияти андешаи хеш намунаҳо оварда, афзудааст, ки дар «Сафарнома» истилоҳоти мансуб ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёт низ ба назар расида, таҳқиқи ҷудогонаи ҷанбаҳои забонии асар, аз ҷумла истилоҳшиносӣ ва истилоҳнигории онро тақозо менамояд.

Фасли сеюми боби дуюм ба пажуҳиши **«Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ»** бахшида шудааст. Чеҳраофаринӣ яке аз рукнҳои асосии офариниши асар буда, навъе аз авомили заъф ё қуввати он маҳсуб ёфта, дер боз мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Диданиҳою шуниданиҳои мусанниф ба инсонҳои касбу кори гуногун ин нигоҳро боз ҳам мусаллам месозад, ки нерӯи инсонӣ дар ҳар мавзеъ ва дар ниҳоди ҳар миллате вуҷуд дорад ва ҳамчунин, зулму ҷабр низ макони хос надошта, дар тамоми ҷаҳон парокандаанд. Диссертант, пеш аз ҳама, ба кушодани чеҳраи худи нависанда – Носири Хусрав дар «Сафарнома» кӯшиш ба харҷ дода, муносибати ӯро бо ашхос ва ақвоми гуногуни ҷомеа муайян намудааст. Аз муҳтавои «Сафарнома» ва диссертатсияи мавриди назар ҳам маълум аст, ки нависанда дар асараш ақидаҳои тарбиявии омӯзанда баён карда, мутмаин аст, ки дар миёни афрод бартарӣ танҳо дар ақл мебошад ва фарде, ки боақл аст, ҳамаҷониба рушд мекунад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда муҳимтарин матолиби назарӣ ва амалии таҳқиқ дар 11 банд ба таври фишурда **хулоса** ва дар 5 банд **тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** манзур шуда, ки ба шеваи равишманди ҷустуҷӯҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ яклухтиву тамомият мебахшанд.

Дар хилоли муваффақиятҳо дар рисолаи мавриди назар баъзе камбудиҳо низ ворид шудааст, ки ин ҷо баршумории чанде аз онҳо мувофиқи матлаб аст ва барои беҳбудии корҳои баъдии муҳаққиқ муфид хоҳад буд:

1. Дар масъалагузории бобу фаслҳои диссертатсия ҷо-ҷое мушаххасият ва ҷобаҷогузории истилоҳот сарфи назар шудааст. Масалан, дар унвони боби дуюм «Сохтор, бандубаст ва муҳтавои «Сафарнома»-и Носири Хусрав»-истилоҳоти «сохтор» ва «бадубаст» зиёдатист (с. 2, 55).

2. Дар қисмати «Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ» моҳияти масъала пурра рӯшан нашудааст. Ба ифодаи дигар, муҳаққиқ дар сархати аввали ин қисмат арзиши назарии диссертатсияро пурра тавзеҳ надода, ба баёни мухтасари муҳтавои «Сафарнома» ва сабаби таълифи он маҳдуд шудааст (с. 13-14).

3. Дар ду шакл навиштани ному насаби донишмандон, аз ҷумла Худойи Шариф (с. 6, 63, 113), Х. Шариф (с. 10), Х. Шарифзода (с. 12); Чарлз Шефер (с. 26), Чарлз Шеффер (с. 164), Шефер (с. 27), Шеффер (с. 29). Дар асл ном ва насаби ин мушташриқи фаронсавӣ Шарл Анри Огюст Шефер мебошад.

4. Натиҷагириҳо дар фароварди фаслҳо бояд мушаххас бошанд, аз ҷумла дар фасли дуюми боби аввал муҳаққиқ нусхаеро аз дастнависҳо ва чопҳои литографии «Сафарнома», ки қобили эътимод бошад, муаррифӣ накардааст (с. 47). Ба ҷойи хулосабарорӣ дар анҷоми ҳар боб муҳаққиқ хулосаи фаслҳои бобҳоро тақвият медод, беҳтар мебуд (с. 54).

5. Нодуруст истифода бурдани баъзе истилоҳот дар матни диссертатсия, аз ҷумла овардани мисраъ, ба ҷойи сатр (с. 25-26), услуб ба ҷойи сабк (с. 5, 9, 13, 67, 125, 126...), насталик ба ҷойи настаълиқ (с. 25, 26).

6. Ҷумлаҳои таҳрирталаб ва ғалатҳои китобат дар матни диссертатсия дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо бар салоҳи кори ояндаи муҳаққиқ хоҳад буд (с. 5, 8, 29, 47, 50, 55, 80, 133; 3, 8, 43, 154, 157, 167).

Ин чанд эроде, ки зикр гардид, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи Самиев Ҷумахонро, ки воқеан, кори таҳқиқии анҷомёфта аст, халалдор намесозад ва дар корҳои илмӣ-таҳқиқии баъдӣ ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуъ ба меъёрҳои муқарраргардида ва талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хуллас, диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

19-уми декабри соли 2024.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Сурхоб, 5.
Тел.: (+992) 555-05-15-50.
E-mail: sayron80@mail.ru

Имзои Шоев Абдуҳамид Абдунабиевичро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83; +992 (37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj.
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
19.12.2024.